Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қурбонализода Нурулло Шамсулло дар мавзуи «Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ: ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Рисолаи диссертатсионии Қурбонализода Нурулло Шамсулло аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи маданӣ мебошад, чунки муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ яке аз соҳаҳои мураккабтарини муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун асоси муносибатҳои соҳибкорӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, заминистифодабарӣ, оид ба истифодаи захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва дигарҳо баромад менамояд. Дар ин ҷода таҳқиқоти мазкур ба масъалаҳои муҳимми ин соҳа, яъне шахсони воқеӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи маданӣ бахшида шудааст.

Дар шароити таъмини ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон талабот ба танзими ҳуқуқи маданӣ зиёд мегардад, чунки сухан дар бораи озодиҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ меравад. Бо қабул шудани Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 24-уми декабри соли 2022, таҳти № 1918) дар назди сивилистони ватанӣ вазифаҳои нав ҷиҳати такмили илми ҳуқуқи маданӣ, таълимот дар бораи он ва пешбурди корҳои илмӣ гузошта шуданд. Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти мазкур барои иҷрои вазифаҳои болозикр равона шудааст.

Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ иртибот доранд ва

амалигардонии қобилияти ҳуқуқдории субъективии мадании чунин шахсон мебошанд.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ андешаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои вазъи ҳуқуқи мадании шахсони воқеӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, мафҳум, мазмун ва мутаносибии унсурҳои қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ, асосҳо ва шаклҳои тағйирдиҳии он мебошад, ҳамзамон, хусусиятҳои амалигардонии қобилияти шахсони алоҳидаи воқеиро муайян месозад.

Интихоби мавзуъ, мундариҷаи диссертатсия, объект ва мавзуи таҳқиқоти мазкур характери нақшавӣ, мақсаднок ва навгонӣ доранд.

Яке аз нишонаҳои асоснокии гуфтаҳои боло сохтори диссертатсия мебошад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисорот ва ё аломатҳои шартӣ, муқаддима, 4 боб, 11 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳар як зербоб ғояҳои асосӣ ва ҷамъбасти мантиқии худро доро мебошад.

Дар хулоса таҳқиқоти гузаронидашуда бо 26 пешниҳод ва 5 тавсияҳои амалӣ ҷамъбаст шудааст, ки асоси эътимодноки илмӣ доранд.

Ҳамзамон, дар диссертатсия ақидаҳое ҷой доранд, ки онҳо шарҳу асосноккунии махсусро тақозо доранд. Масалан ба андешаи муаллиф муҳлати умумии фавтида эълон намудани шахси воқеӣ бетағйир нигоҳ дошта шавад (саҳ. 23 автореферати дис.). Ин ақида баҳснок аст. Чаро қонунгузор дар Федератсияи Россия онро тағйир дод ва 5 сол муқаррар намуд?

Ҳамчунин, пайдо шудани чунин як ақида аз он гувоҳӣ намедиҳад, ки сатҳи илмию амалии диссертатсия паст бошад. Баръакс диссертатсия ва автореферати он бо услуби хосса ва дар як мавзуи барои инсон, ҷомеа ва давлат муҳим эҷод шуда, таҳқиқоти мазкур дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, муаллифи он проблемаҳои илмии мубоҳисавиро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Ҳамин тавр, матни диссертатсия ва автореферати он мутобиқат доранд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда,

пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда навгонӣ доранд, дар шароити Тоҷикистон татбиқшаванда мебошанд. Номи диссертатсия ва мазмуни он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқ мебошад. Дар он талаботи одоби илмӣ ва иқтибос риоя карда шудааст.

Дар маҷмуъ, аз мазмуни автореферати диссертатсия бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонализода Нурулло Шамсулло дар мавзуи «Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ: ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад, инчунин муаллифи диссертатсия арзандаи дараҷаи илмии дарёфтшаванда мебошад.

Тақриздиҳанда:
Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р. Раҷабзода

Имзои «Р. Раҷабзода»-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории махсуси
Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Сафарзода

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

«18» майи с. 2023

Раҷабзода Равшан Муҳитдин
734024 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42,
тел: (992 37) 221- 78-93, (992) 918 - 61 - 18 - 53
E-mail - rrm_67@mail.ru